# ТАҚРИЗ

муқарризи холис ба диссертатсияи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Рушди муосир ва такмили низоми таълими мактабӣ, омӯзиш ва баҳисобгирии таснифҳои фардии хонандагон, дар онҳо ташаккул ёфтани талаботи ангезанокии соҳаи фаъолияти таълимӣ зарур мебошад. Ҳаллу фасли ин масъалаҳо аз илми психологӣ-педагогӣ тақозо мекунад, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсон ва роҳҳои ташаккули он дар раванди таълим мавриди тадқиқоти ҳаматарафа ва маҷмӯавӣ қарор дода шавад. Муносибати марбут ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим метавонад барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пояи муҳим ва арзишмандро таъмин намояд.

Бинобар ин, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Худойназаров Мехрожидин Ашӯрович дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз махсуб будани он далолат медиҳад. Рисолаи мазкурро бо тозагии мавзӯи тадқиқотии хеш метавон як кори муҳими самти баррасии муаммои муҳими педагогӣ - шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ унвон кард, ки то кунун ба ин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифода шуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» моҳият ва мундариҷаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил шуданд, сохтори мундариҷавии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон баррасӣ гардида, хулосаҳо баровварда шуданд.

Дар боби дувуми диссертатсия «Технологияи педагогии инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ» таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он таҳлили коркард ва истифодаи китоби дарсии электронӣ ҳамчун воситаи самарабахши технологияҳои иттилоотӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон амалӣ гардида, ҷанбаи мундариҷавии истифодаи босамари амсилаи графикӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон муайян карда шудааст, самаранокии мундариҷаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим баҳо дода, хулосаҳои дахлдор баровварда шудаанд.

Таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишии аз ҷониби муаллиф анҷомдодашуда аз рӯи мавзӯи рисола, фарзияи ташаккулёфтаро тасдиқ намуданд ва имкон доданд, ки хулоса ва тавсияҳои зерин таҳия карда шаванд:

1. Яке аз шартҳои муҳими дидактикӣ ва тарбиявии ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва табдили донишҳо ба ақидаҳо инкишофи фаъолнокии маърифатӣ ва мустақилияти хонандагон дар раванди машғулиятҳои дарсӣ ва беруназдарсӣ мебошад.

2. Барои инкишофи фаъолнокии маърифатӣ ва мустақилияти хонандагон тамоми воситаву методҳои таълимро васеъ истифода бурда, ба ангезиши ихтилофҳои ботинии байни дониш ва надонистан, ҳамчунин дар ин замина ташаккул додани эҳтиёҷ ва шавқу рағбат ба омӯзиш, проблемавӣ гардонидани таълим тариқи татбиқи навъҳои гуногуни кор бо китоби дарсӣ, гузаронидани дарсҳо-семинарҳо, дарсҳо-диспутҳо ва ғайра махсус диққат бояд дод.

3. Вазифаи технологияҳо инноватсионии таълим асосан аз дар он аст, ки қонуну принсипҳои коркардшуда ба методҳои самарабахши тадрис ва омӯзиш табдил дода шуда, ҳамчунин барои истифодаи беҳтарини онҳо зимни шаклҳои дахлдор ва воситаҳои техникӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шаванд.

4. Роҳи асосии бунёд ва тарҳрезии амсилаву воситаҳои технологияҳои инноватсионии таълим - коркарди самти умумӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии шахсият ва фароҳам овардани воситаҳои мувофиқ барои ин мебошад.

5. Дар раванди таҳсилот ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионии таълим ба омӯзгор имкон медиҳад, ки амиқӣ ва мустаҳкамии донишҳоро таъмин намояд, маҳорату малакаҳоро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти мустаҳкам кунад; тафаккури технологӣ, маҳорати мустақилона банақшагирии фаъолияти таълимӣ, худомӯзии худро инкишоф диҳад; одатҳои риояи дақиқи талаботи фанни технологиро дар ташкили машғулиятҳои таълимӣ тарбия намояд.

6. Истифодаи доираи васеи технологияҳои инноватсионии таълим ба педагог имкон медиҳад, ки вақти таълимиро сермаҳсул истифода бурда, дар маҷмӯъ, ба натиҷаҳои баланди таълимии хонандагон, аз ҷумла, ба инкишофи ҷаҳонбинии илмии онҳо ноил гардад.

Таҳлили назариявӣ, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, коркарди микдорӣ ва сифатии натиҷаҳои он аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим бо инобати имконоти асосии педагогӣ ба беҳтар шудани вижагиҳои когнитивии ташаккули психологии хонандагон, афзоиши ангезанокии фаъолияти таълимӣ, ташаккули саводнокии хонандагон оварда мерасонад ва мувофиқан, фарзияи тадқиқотро тасдиқ менамояд.

Дар умум, диссертатсияи Худойназаров М.А. кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва рисола ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод карда мешавад.

Муқарризи холис, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
Декани факултети тарбияи ҷисмонӣ ва табиатшиносии
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ш.Панҷакент Абдуллоев Шавкат Усмонович

Имзои Ш.У.Абдуллоевро тасдиқ менамоям.
Сардои РК ва КМ ДОТП Қурбонов М.
10.03.2022 г.

БАРОИ ҲУҶҶАТҲО